**ПРОТОКОЛИ № 54.2**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз «14» июли соли 2026** **ш. Хуҷанд**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р.

Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем. Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08.2025, №289/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, ки 4 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи барасишаванда ба ҳисоб мерававнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, Ҳоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Бобоев Фарухзод Махкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов М.М., аъзои комиссияи экспертӣ, д.и.и., дотсент Хоҷаева Д.М. ва н.и.и., дотсент Саиджонов С.Ш. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Бобоев Фарухзод Махкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Бобоев Фарухзод Маҳкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии

иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Бобоев Фарухзод Маҳкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. **Муқарризони расмӣ** таъин карда шаванд:

- Нурализода Эмомалӣ Нуралӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;
- Маъмуров Анварҷон Маҳмудҷонович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 26 сентябри соли 2026, соати 09:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест; бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Ризозода Т.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саиджонов С.Ш.**